**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)**

Парвандаи аттестатсионии № ________________________

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 27.12.2025, протоколи №42 барои сазовор донистани Ғафоров Зафар Бобобекович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD).**

Диссертатсияи Ғафоров Зафар Бобобекович дар мавзуи «Таҳқиқи самаранокии усулҳои таълими мушкилгарои фанни информатика дар мактаби олӣ: арзёбии таъсири он ба ҳавасмандӣ ва пешрафти академии донишҷӯён» барои дарёфти дараҷаи илмии – доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) дар ҷаласаи шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-048-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2024 таҳти №135/шд) 18- уми октябри соли 2025, суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ғафоров Зафар Бобобекович соли 1993 дар ноҳияи Восеъи вилояти Халон таваллуд шудааст. Соли 2015 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣро аз рӯйи ихтисоси информатика зинаи бакалавр ва соли 2017 Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Томски Федератсияи Руссияро бо ихтисоси информатика зинаи магистр хатм кардааст.

Ғафоров Зафар Бобобекович аз соли 2019 ба докторантура (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D010300- Педагогика ва психология қабул шуда, соли

2020 ба ихтисоси 6D060200- Информатика гузариш менамояд ва соли 2022 докторантураро хатм кардааст. Айни ҳол дар вазифаи муаллими калони кафедраи технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Одинаев Раим Назарович -** доктори илмҳои физикаю математика, директори Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ: Назаров Аҳтам Пулотович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Назарзода Рустам Саидмурод** - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

**Хулосаи муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи Ғафоров З.Б.бо имзои раиси ҷаласа Сафаров Сайтоҷиддин Саидкамолович – н.и.п., мудири кафедраи умумидонишгоҳии информатика ва технологияи инноватсионии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, эксперт, Фурқати Сикандари Қаландар - н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи таъминоти барномавӣ ва web дизайн ва котиби ҷаласа Муродализода Раҳмоналӣ Муродалӣ - н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи методикаи таълими информатика омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ н.и.п., дотсент Сафарзода М.В. аз 18-уми ноябри соли 2025 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, мубрамияти мавзуи таҳқиқот, навгонии илмии диссертатсия, этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он,

инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи Ғафоров Зафар Бобобекович дар мавзуи «Таҳқиқи самаранокии усулҳои таълими мушкилгарои фанни информатика дар мактаби олӣ: арзёбии таъсири он ба ҳавасмандӣ ва пешрафти академии донишҷӯён» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ), сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 18 интишороти илмӣ нашр намудааст, ки ҳамаи он оид ба мавзуи диссертатсия мебошанд. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 мақола ба нашр расонидааст.

1. **Гафоров, З.Б.** Развитие мотивации на уроках информатики и программирования как средство повышения уровня обученности учащихся в образовательных учреждениях Республики Таджикистан / Р.Н. Одинаев, З.Б. Гафоров // Вестник Института развития образования. – 2021. – №2(34). – С. 183-190. – EDN GTCAGR.

2. **Гафоров, З.Б.** Особенности обучения языкам программирования в образовательных учреждениях Республики Таджикистан / Ф.Ф. Шарипов, З.Б. Гафоров // Вестник Таджикского национального университета. – 2020. – №4. – С. 161-168. – EDN AREEKR.

3. **Гафоров, З.Б.** Создания мотивации к изучению предметов информатики и программирования в СОУ ах, ВУЗ ах на примере компьютерного моделирование движения автомобилей на языке прогроммирования «с++» / Р.Н. Одинаев, З.Б. Гафоров // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. –

2020. – №4. – С. 103-110. – DOI 10.51884/2413-452X_2020_4_103. – EDN TUQQDX.

**4. Гафоров, З.Б.** Мотивация студентов использованием мультимедийной технологии в процессе обучения информатики / З.Б. Гафоров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – №1-3(101). – С. 221-226. – EDN LIHTKK.

**5. Гафоров, З.Б.** Развитие мотивации учащихся на уроках информатики в республике Таджикистан / З.Б. Гафоров // Вестник Института развития образования. – 2023. – №3(43). – С. 340-346. – EDN BZHCTV.

**6. Ғафоров, З.Б.** Усулҳои омӯзиши мушкилгаро-инкишофӣ ҳамчун заминаи асосии эҷоди ҳавасмандӣ ба омӯзиши барномасозӣ / З.Б. Ғафоров // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ – 2025. – № 2(39). – С. 133-139.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Ғафоров Зафар Бобобекович ворид шудаанд:

1. Азизов А.А. – д.и.п., профессори кафедраи технология ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Тақриз мусбат аст.

2. Наҷмиддиниён А.М. – д.и.ф.-м., дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

3. Шарипов Б.Р. – н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи технологияи барномавӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

4. Умаров А.Н. – н.и.тех., дотсент, мудири кафедраи информатика ва технологияи рақамии Донишгоҳи давлатии Данғара. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогика буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

1. Муайян намудани мафҳуми ҳавасмандгардонӣ дар омӯзиши фанни информатика бо истифода аз супоришҳои барномасозӣ аз таҳлили ададбиёти психологӣ ва педагогӣ арзёбии он;

2. Муайян намудани заминаи асосии эҷоди ҳавасмандӣ ба омӯзиши информатика бо истифода аз усулҳои омӯзиши мушкилгаро-инкишофӣ;

3. Эҷод намудани супоришҳои барномасозӣ барои ҳавасмандгардонии донишҷӯён ба омӯзиши информатика дар доираи системаи усулҳои омӯзиши мушкилгаро-инкишофӣ;

4. Муайян намудани заминаҳои асосии эҷоди ҳавасмандӣ барои омӯзиши фанҳои информатика ва барномасозӣ дар мактабҳои олӣ бо истифода аз мисоли моделсозии компютерии ҳаракати мошин дар забони барномасозӣ C++, инчунин истифодаи технологияи мултимедӣ ва бозиҳои дидактикӣ дар доираи усулҳои мушкилгаро пешниҳод гардида, таъсири онҳо ба пешрафти академии донишҷӯён;

5. Омӯзиши ҳамаҷонибаи системаи усулҳои омӯзиши мушкилгаро-инкишофӣ ва пешниҳоди тавсияҳои судманд барои ҳавасмандгардонии донишҷӯён дар раванди омӯзиши информатика ва барномасозӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** бо он асоснок карда шудааст:

*Аҳамияти назариявии таҳқиқотро* асосноккунии имконияти системаи усулҳои омӯзиши мушкилгаро ҳамчун асоси методологии сохтани супоришҳои барномасозӣ, ки ба инкишофи ҳавасмандгардонии таълим нигаронида шудаанд, ташкил медиҳад.

*Аҳамияти амалии таҳқиқотро* системаи усулҳои таълими мушкилгаро-инкишофӣ ташкил медиҳад ва дар доираи он супоришҳо оид ба барномасозӣ таҳия шудаанд, ки ба инкишофи ҳавасмандии раванди таълим нигаронида шудаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин таъмин гардидаанд: бо такя ба дастовардҳои педагогика, психология ва методикаи таълим, истифодаи маҷмуи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, ки ба ҳадаф ва мантиқи тадқиқот мувофиқанд, таъмин мегардад. Эътимоднокӣ ҳамчунин тавассути санҷиши таҷрибавии гипотезаҳо, коркарди омории маълумот бо истифодаи барномаҳои компютерӣ ва таҳлили миқдориву сифатии натиҷаҳои бадастомада асоснок шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳлилу баррасии васеи адабиёт дар соҳаи методикаи таълими информатика, баҳодиҳии усулҳои мавҷуда, муайян кардани мушкилот ва зиддиятҳои равишҳои мавҷудаи таълим; гузаронидани таҳқиқоти мустақилона дар муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати таҳлили самаранокии усулҳои гуногуни таълими фанни информатика, ҷамъоварии маълумот ва таҳлили натиҷаҳо; эҷоди мустақилонаи маводи таълимӣ, усулҳо, курсҳо дар асоси таҳқиқот ва таҷрибаи амалӣ; нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои таълимӣ, иштирок дар конфронсу семинарҳо, дар шакли маърузаҳо дар семинару ҷаласаҳои кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии ДБССТ, кафедраи моделсозии математикӣ ва компютерии ДМТ.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 27- уми декабри соли 2025 оид ба сазовор донистани Ғафоров Зафар Бобобекович бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба Шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҳасанов Ш.Р.**

“_27_”___12___ 2025

ҶМ.